# Фариштамоҳ





18.03.11.

Д. тоз.фр
Ф. 33



# Фариштамоҳ



**КИТОБ БО ДАСТГИРИИ ПРЕЗИДЕНТИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МӮҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ ШАРИФОВИЧ
РАҲМОНОВ
БА ТАБЪ РАСИДААСТ**

Республиканская
детская библиотека
2609
06

**Рассом В.Манин**

**Душанбе
«Матбуот»
2002**



Буд набуд, дар замони қадим подшоҳе буд. Вай фарзанд надошт.

Рӯзе аз рӯзҳо подшоҳ ба ойина назар карда дид, ки ба ришаш сафедӣ дамидаасту рӯяшро оҷинг пахш кардааст. Вай ғамгин шуда, худ ба худ гуфт: “Сад афсӯс, писаре надорам, ки ба ҷои ман ба тахти подшоҳӣ нишинад”.

Подшоҳ ҳамин хел ғамгину озурдахотир рӯз ба сар мебурд. Вале рӯзе занаш ба вай хабари хуше гуфт. Подшоҳ ин хабарро шунида, дар тамоми мамлакат эълон намуд, ки агар зани ӯ писар зояду дар рӯзи таваллуд шудани ӯ дар хонаи ягон каси дигар низ писар ба дунё ояд, онро ҳам ба фарзандӣ қабул мекунад.

Нӯҳ моҳу пӯҳ рӯзу нӯҳ соат гузашту чашми зани подшоҳ равшан шуд. Вай писар таваллуд кард. Ҳамон рӯз дар хонаи як подабон ҳам писаре ба дунё омад. Подшоҳ писарчаи подабонро оваронда ба худ фарзанд хонд.

Бачагон яксола шуданд, дусола шуданд, сесола, баъд чорсола шуданду ба синни мактабхонӣ қадам монданд. Подшоҳ ҳардуро ба мактаб дод.

Писари подабон бо шавқ мехонд, хушзеҳн буд, маънии китобҳоро фаҳмонда медод. Шоҳзода ҳам бо майлу рағбат мехонд, аммо зеҳни писари подабон дар ӯ дида намешуд.

Рафта-рафта бачагон ба балогат расида, хуни ҷавонӣ дар вуҷудашон ба ҷӯш омад, онҳо дар гирду атрофи шаҳр сайру шикор мекардагӣ шуданд.

Як рӯз ҳар ду ба шикор рафта истода буданд, ки шоҳзода дар наздикии як деҳа мурғеро дида, тир андохт.

Ҳамин вақт дар як ҳавлӣ кампире карбос танида нишаста буд. Мурғи тирхӯрда рафта, ба рӯйи карбоси кампир афтод, торҳои карбос тит хӯрданд, хунолуд шуданд.

Шоҳзода аз пайи сайди худ ба ҳавлии кампир зада даромад.

— Эй ҷавон, — гуфт кампир ӯро дида, — кори бад кардӣ, беадабӣ кардӣ, илоҳо, шамоли ишқи Фариштамоҳ ба рӯят занад.

— Эй модар,—гуфт шоҳзода ҳайрон шуда, — Фариштамоҳ гуфтӣ? Вай кист, дар куҷо зиндагӣ дорад?

— Фариштамоҳи зебову доно, — ҷавоб дод кампир,— аз ин ҷо беҳад дур дар тарафи ғуруби офтоб, дар паси ҳафт ағбаи баланд зиндагӣ мекунад. Вай чунон нозанин ва чунон оқила аст, ки мислаш дар дунё нагузаштааст. Ҳазорҳо ҷавонмардон гирифтори ишқи ӯ шуда, дар гирди ӯ гаштанд, алҳол, ҳеҷ кас ба табъи ӯ мувофиқ наомадааст.

Шоҳзода ин гапро шунида, зуд ба қасри падараш баргашта омад. Ҳанӯз вай ба дарвозаи қаср нарасида, хабар доданд, ки падараш мунтазир аст.

— Писарам, — гуфт подшоҳ, — ман пир шудам, баъд аз сари ман подшоҳи мамлакат ту мешавӣ, ба ин кор тайёр шуданат зарур аст. Биё, ман ба ту хазинаю дафинаи подшоҳиро нишон диҳам, ту дониста гир, ки дар куҷо чӣ мавҷуд аст ва дар кадом вақт чиро истифода кардан даркор.

Шоҳзода аз падараш пурсид:

— Эй падари меҳрубон, ҷаҳон хӯрдан хуб аст ё ҷаҳон гаштан? Як ҷо будан хуб аст ё дунё дидан?

Падараш гуфт:

— Эй фарзанди азиз, ҷаҳон гаштан, дунё дидан беҳтар аст, бисёр



ҷойҳо ва бисёр халкҳоро мебинӣ, донишат зиёд, аклат расо мешавад.

— Ин тавр бошад, — гуфт шоҳзода, — аввал иҷозат диҳед, ман сайри олам кунам.

Подшоҳ, ки таги гапро нафаҳмида, "ҷаҳон гаштан хуб аст" гуфта буд, ноилоҷ иҷозат дод. Шоҳзода писари подабонро ҳамроҳаш гирифта, баромада рафт.

Рафтанд-рафтанд, чанд шабу рӯз роҳ тай карда, аз ҳафт ағба гузашта, ба як шаҳри азим расиданду ба як кӯча даромада дари ҳавлиро тақ-тақ карданд. Кампире баромад. Писари подабон ба кампир гуфт:

— Салом очаҷон, мо мусофирем, ҷое надорем, ки як-ду рӯз истиқомат кунем.

— Эй фарзандони азиз, — гуфт кампир, — як хонача дорам, сарам ғунҷад, поям намеғунҷад, поям ғунҷад, сарам намеғунҷад.

Писари подшоҳ аз камарбандаш як тилло баровард, кампир тиллоро дида хурсанд шуда гуфт:

— Дароед, дароед, як хонаи калону васеъ дорам, чанд вакт хоҳед истодан гиред.

Кампир даррав кӯрпача партофт, дастурхон паҳн кард, нон овард, чой овард, хӯрок пухт. То нисфи шаб чақ-чақ карда нишастанду баъд кампир ҷойгаҳ партофта гуфт:

— Фарзандони азиз, зинҳор, шабона берун набароед, ки оқибаташ бад мешавад!

Дар ҷойгаҳ писари подабон фикр кард, ки "шабона чӣ ҳодиса рӯй медода бошад, ки берун баромадан мумкин набудааст. Як баромада фаҳмидан лозим аст". Вай бо ҳамин фикр писари подшоҳро бедор карда гуфт:

— Эй бародар, хез! Мо магар хобравӣ омадем, бароем, бинем, ки дар берун чӣ гап аст?

Ҳар ду хестанду баромада диданд, ки нисфи шаҳр тип-торику нисфи дигараш мисли рӯз равшан, чунон равшан, ки мӯзадӯзҳо мӯза медӯзанд, дуредгарҳо дуредгарӣ, шонатарошҳо шонатарошӣ мекунанд. Ҳайрон шуда хеле вакт тамошо кардану баъд омада хоб рафтанд.

— Эй очаи меҳрубон,— гуфт ба кампир писари подабон, пагоҳӣ барвакт аз ҷояш хеста, — чӣ сир буд, ки мо имшаб дидем?



Кампир гуфт:

— Эй фарзандон, магар шабона берун баромадед?

— Оре, баромадем, — гуфтанд шоҳзода ва писари подабон, — барои чӣ як тарафи шаҳр равшан, тарафи дигараш торик буд?

Кампир гуфт:

— Бачагонам, нағз накардед, ки аз ин сир хабардор шудед, донистани он ба саратон савдое меоварад.

— Гӯед, чӣ сир аст?— шоҳзодаю писари подабон пурсиданд кампирро ба ҳоли худ намонда.

— Ин хел ки маҷбур кунед, — гуфт кампир, — илоҷ надорам, мегӯям: ин равшанӣ нури ҷамоли Фариштамоҳ аст. Ба кадом тараф ки вай рӯ гардонда хоб кунад, ҳамон тараф равшан мешавад ва ҳар ҷавонмарде, ки аз ин сир хабардор мешавад, ошиқ мешавад. Бинобар ин ман нахостам, ки шумо мисли дигарон гирифтори ишқи ӯ шуда, азоб кашида, сарсону саргардон шавед.

Писари подабон гуфт:

— Эй очаи меҳрубон, қурбони забони ширинатон гардам, ки номи Фариштамоҳи нозанинро ба забон бурдед. Бародари ман кайҳо гирифтори ишқ ва муштоқи дидори ӯ шудааст. Мо ба сӯроғи ӯ ба ин шаҳр омадаем.

Кампир гуфт:

— Ҳамин қадар шоҳзодаю вазирзодагон ба сӯроғи ӯ омада, ба муродашон расида натавонистанду шумо чӣ тавр мерасед?

— Ҳоло намедонем, — ҷавоб дод писари подабон, — вале ё ҷон медиҳем, ё ба муродамон мерасем.

Баъд онҳо аз кампир фаҳмида гирифтанд, ки Фариштамоҳ як шарт доштааст ва касе ба дидори ӯ расида метавонистааст, ки ин шартро иҷро кунад.

Писарони шоҳу подабон ба пеши духтар равон шуданд. Онҳоро пешвоз гирифта, ба даруни як хонаи калон burданд. Дар он ҷо аз паси парда овозе ба гӯшашон расид:

— Ман як шарти зӯр дорам, ҳамон кас ба муродаш мерасад, ки ин шартро иҷро кунад.

— Шартро гӯй! — гуфт шоҳзода.

— Ман дар рӯи бистар нишастаам, шумо дод нагуфта, даст назада, ҳаракати зиёдатӣ накарда, коре кунед, ки маро то рӯз хоб набарад.



Шоҳзода розӣ шуда ҳамон ҷо монд. Писари подабон ба хонаи кампир рафт. Аммо шоҳзода тамоми шаб илоҷи бедор нигоҳ доштани духтарро наёфту оқибат худи ӯро хоб бурда монд. Пагоҳӣ бедор шуда фаҳмид, ки шартро бой додааст. Ғамгину озурдадил ба хонаи кампир омад. Писари подабон ӯро таскин дода гуфт:

— Бародари азиз, ғам нахӯр, ман кӯшиш мекунам, ки шарти духтарро иҷро кунам, иҷро ки кардам, духтар аз они ту мешавад.

Ҳамон рӯз писари подабон аз чӯб лӯхтаке тарошида бегоҳӣ ба пеши Фариштамоҳ рафт ва ба иҷрои шарт тайёр будани худро маълум кард.

Ӯро бурда дар ҳамон хона, дар паси парда шинонданд.

Писари подабон лӯхтакашро бароварда, ба он як нигоҳи маънидоре карду баъд бозӣ доронда гуфт:

— Эй дӯсти азиз, ту дар зиракӣ ва хирадмандӣ овоза баровардаӣ, хеле вақт аст, ки ба чанд ҳодиса фикри ман банд аст, ту дар ҳалли ин мушкилот ба ман ёрӣ расон!

— Канӣ гӯй, онҳо чӣ ҳодисаҳо будаанд? — гуфт писари подабон аз номи лӯхтак овози худро маҳин карда.

Духтар худ ба худ "аҷабо, ин хирадманди маҳиновоз чӣ махлуқе будааст ва он ҳодисаҳо чӣ хел будаанд?" — гӯён бо кунҷи чашмонаш ба тарафи ҷавон назаре андохт. Лӯхтак бозикунон лаб ҷунбонда, ба гап даромад ва ин ҳодиса диққати Фариштамоҳро ба худ кашид.

— Эй дӯсти азиз, — гуфт писари подабон ба лӯхтак муроҷиат карда, — дар як шаҳр як қуръаандоз қуръа андохта маълум кардааст, ки духтари подшоҳи Миср, ки дар зебоӣ бемислу монанд будааст, ба касалии сахт гирифтор шудаасту ҳеҷ яке аз табибони он мамлакат дарди ӯро даво карда наметавонистаанд. Подшоҳ эълон кардааст, ки ҳар касе, ки духтарашро сиҳат кунад, ӯро бо молу анҷоми зиёд ба ҳамон кас никоҳ карда медиҳад... Қуръаандоз воқеаро ба табиб ҳикоя мекунад.

— Сад афсӯс, — мегӯяд табиб,— он ҷо хеле дур аст, вагарна ман рафта, дар се рӯз духтарро сиҳат мекардам.

Аз ин воқеа чӯбтарош хабардор шуда, аспи чӯбини парвозкунанда месозаду ҳар сеи онҳо савор шуда, дар як муддати кӯтоҳ ба Миср рафта мерасанд.

Табиб духтарро сиҳат мекунад, подшоҳ ӯро бо инъоми зиёд ба



табиб доданӣ мешавад. Инро дида, қуръаандозу чӯбтарош ҷанҷол мебардоранд. Қуръаандоз мегӯяд, ки:

— Духтар ҳаққи ман аст, зеро агар ман қуръа намеандохтам, касалии ӯ ба табиб маълум намешуд, ӯ шоҳдухтарро сиҳат карда наметавонист.

Чӯбтарош мегӯяд, ки:

— Духтар ҳаққи ман аст, зеро агар ман аспи парвозкунанда намесохтам, табиб ҳеҷ гоҳ ба ин ҷо омада наметавонист.

Табиб мегӯяд, ки:

— Духтар ҳаққи ҳалоли ман аст, зеро агар ман намешудам, қуръаандоз ва аспи парвозкунанда ба духтар фоидае намебахшид.

Ҳамин хел мунозираи онҳо хеле муддат давом карда, подшоҳу оқилони он мамлакат дар ҳалли он оҷиз мондаанд. Ман ин воқеаро шунида, ба чунин хулоса омадам, ки духтар ҳаққи қуръаандоз аст, чунки бе ҳунари ӯ чӯбтарошу табиб ҳеҷ вақт рӯи духтарро намедиданд.

— Не, не! — гуфт сарчаи худро ҷунбонида лӯхтак, — ту хато мекунӣ, ба духтар беш аз ҳама чӯбтарош ҳақдор аст, агар ӯ намешуд, қуръаандозу табиб коре карда наметавонистанд.

— Гапи ту рост аст, дӯсти азиз, — гуфт писари подабон, — фақат ту метавонӣ ҳаққи гапро гӯйӣ.

Фариштамоҳ, ки худро ба хоб андохта бошад ҳам, бодиққат гӯш мекард, сари худро бардошту гуфт:

— Фикри ҳардуятон ҳам нодуруст, ба духтар аз ҳама зиёдтар табиб ҳақ дорад, зеро танҳо ба шарофати донишмандии ӯ касали ба мурдан наздик, ҷон гирифта, сиҳату саломат шуд.

— Эй дӯсти меҳрубон, — гуфт писари подабон аз нав ба лӯхтак муроҷиат карда, — аз афти кор, ҳақ ба ҷониби Фариштамоҳи нозанин аст, вале кайҳост, ки як ҳодисаи аз ин ҳам аҷибтар диққати маро ба худ ҷалб кардааст. Ман онро нақл мекунам ва боварӣ дорам, ки ин дафъа ту хато намекунӣ ва Фариштамоҳи нозанин ҷавоби туро маъқул меёбад.

— Бигӯй, чӣ ҳодиса будааст! — гуфт лӯхтак дар кафи дасти ҷавон китфу сарашро ба ҳаракат дароварда.

— Подшоҳе буд, — гуфт писари подабон, — вай як булбул дошт. Булбулро ба қафаси тилло андохта, дар боғаш овехта монда буду ҳар рӯз хониши ӯро гӯш карда, лаззат мебурд. Рӯзе подшоҳ чах-чаҳи



булбулро гӯш карда нишаста буд, ки ногаҳон ду булбули дигар парвоз карда омада, ба рӯи қафас нишаст ва булбулон ба ҳамдигар кимчиҳо гуфтанду он ду булбул парида рафт.

Подшоҳ ба назди қафас омада, аз булбулаш пурсид:

— Онҳо киҳо буданд ва ба ту чиҳо гуфтанд?

— Онҳо хешовандони мананд. Подшоҳи мамлакати булбулон тӯйи калоне барпо мекардааст, маро ба тӯй таклиф карданӣ омадаанд, ман гуфтам, ки "озод нестам, дар қафасам, рафта наметавонам". Онҳо бисёр афсӯс хӯрда, парида рафтанд.

Подшоҳ фикр карда гуфт:

— Агар ман туро ду-серӯза ҷавоб диҳам, аз мамлакати булбулон ба ман чӣ меорӣ?

— Аз мамлакати булбулон як донаки зардолу меорам, — гуфт булбул, — донакро мешинонӣ, дар байни чил рӯз дарахти калон мешавад, мева мекунад ва ҳар пире, ки меваи онро хӯрад, ҷавони солиму зебо мешавад.

Подшоҳ булбулро озод кард. Булбул баъд аз се рӯз, мувофиқи ваъдааш як донак овард. Донакро шинонданд, дар байни чил рӯз дарахти калону сершоху сербарг шуда, меваааш пухт.

Рӯзи чилу якум подшоҳ ба боғбон фармуд, ки як дона аз меваи он дарахт гирифта орад. Боғбон як зардолуи дар таги дарахт афтода хобкардаро гирифта, ба подшоҳ бурда дод.

Подшоҳ як пири барҷомондаро оваронда, зардолуро ба ӯ хӯронд. Пир ҳамон замон мурд. Подшоҳ дарғазаб шуда, фармуд, ки фавран сари булбули фиребгарро аз танаш ҷудо кунанд. Фармони ӯ иҷро гардиду булбул аз ҷони ширинаш ҷудо шуд.

Воқеаи зардолуи одамкуш дар шаҳр овоза шуда рафт ва ин овоза ба гӯши мӯйсафеде расид, ки аз ғояти пирӣ ва камбағалию бекасӣ аз ҷони ширинаш сер шуда буд.

Мӯйсафед қарор дод, ки рафта аз ҳамон зардолу хӯраду аз азобу машаққат халос шавад. Вай ба чорбоғ омада, ба зери шохи зардолуи заб-зард пухта хобида, дасти ларзони худро дароз кард ва ду-се дона чида хӯрд ва интизори марг шуда истод. Аммо бар хилофи чашмдошташ ӯ худро хеле бардам ва пурқувват ҳис кардан гирифт.

— Ё аҷабо! — гуфт мӯйсафед ва даст ба ришаш бурд, аммо ришашро наёфту дасташ ба манаҳи ҷавононаи ҳамвор расид. Вай ҳайрон шуда, ба лаби ҷӯй рафта ба об нигоҳ карда, аксеро дид барноню





нозанин. Дар ҳамин асно боғбон расида омад ва ӯро дузд гумон карда кашолакунон ба назди подшоҳ бурд.

Шахси ба дуздӣ айбдоршуда ба пурсиши подшоҳ ҷавоб дод, ки вай пир буд, баъди хӯрдани зардолу ногаҳон ҷавон шуд.

Подшоҳ ҳайрон шуда гуфт:

— Ин хел ки бошад, чаро он пир мурд?

Ҳам подшоҳу ҳам боғбон аз он бехабар буданд, ки ба зардолу баъди афтоданаш, море заҳр зада рафта буд...

— Эй дӯсти азиз, акнун ту бигӯй, — гуфт писари подабон ба лӯхтак, — ба марги булбул ва пирамард кӣ айбдор аст?

— Албатта, боғбон,— гуфт лӯхтак.— Зардолуро аз шохи дарахт нагирифта аз замин бардошта бурдани ӯ боиси марг шуд.

— Гапат дуруст, — гуфт писари подабон, — гунаҳкор богбон аст.

Духтар ба ин эътироз карда гуфт:

— О ҷавонмард, ин қадар шумо ва дӯсти дар хирадмандӣ номбаровардаи шумо нодонед! Гунаҳкори асосӣ подшоҳ аст. Ӯро лозим буд, ки пеш аз донаро ба пирамард додан ва пеш аз ба ҷазо расондани булбули накӯкор воқеаро ҳартарафа санҷида барояд. Ин гуна кӯтоҳандешӣ ва саросемакории подшоҳон сабаби қурбониҳои беҳуда мешавад.

Писари подабон инро шунида, боз ба сӯи лӯхтак рӯ оварда гуфт:

— Эй дӯсти ҷонӣ, ин дафъа ҳам ту хато кардӣ ва ҷавоби ту ба Фариштамоҳи нозанин маъқул наомад, ту бояд дар назди ин духтари дар ҳусну хирадмандӣ беҳамто зиракии худро нишон диҳӣ, вагарна ман ҳамчун шахси дурӯғгӯй дар ёди ӯ мемонам. Акнун як воқеаи дигар нақл мекунам, ту бодиққат гӯш куну фикри худро гӯй!

— Хуб, нақл кун, — гуфт лӯхтак ба сӯи ҷавон хаму рост шуда. Писари подабон ба ҳикоя кардан сар кард:

— Дар як кунҷи мамлакати мо, — гуфт ӯ, — дар ду соҳили дарё ду деҳа воқеъ шудааст. Деҳаҳоро кӯпруки дарози чӯбин ба ҳам мепайвандад. Чанд вақт пеш дар кӯпрук роҳзане пайдо шуда, саруилибос ва молу анҷоми роҳгузарҳоро ғорат карда, худашонро ба дарё мепартофт. Вале рӯзе шуд, ки он роҳзани бераҳму шафқат як каси либосҳои қиматбаҳо пӯшидаро, на танҳо ғорат карда ба дарё напартофт, балки бо ҳурмати тамом то он лаби кӯпрук гусел карда монд. Ин ҳодиса ин хел рӯй дод:



Дар яке аз он деҳаҳо чӯпонписаре зиндагӣ мекард. Ӯ ҷавони қобил, зебо ва баодоб буд. Вай ба духтари ҳамсояашон бойдухтари нозанин дил дода буду духтар ҳам ҷавонро аз дилу ҷонаш дӯст медошт.Онҳо ҳар замон рустӣ-рустӣ во мехӯрданд, лаззати ҳар вохӯрӣ муҳаббати онҳоро дучанд мекард. Кор ба ҷое расид, ки як дақиқа аз якдигар дур будан бароящон тоқатфарсо гардид.

Дар ҳамин асно воқеае рӯй доду ба решаи дӯстии онҳо теша расид: як марди давлатманд хабари зебоии духтарро шуниду ӯро ба писари худ гирифта доданӣ шуду ба хонаи бой хостгор фиристод. Бой ҳам писари давлатмандро аз ҳар ҷиҳат ба духтари худ муносиб дониста, розӣ шуд ва ба норозигии духтараш эътибор надода, ӯро ба шахси дилнохоҳаш ба шавҳар дод.

Духтар бошад, ба сари сахту бахти бади худ лаънат хонда, қарор дод, ки худро нобуд карда, аз ин бало халос шавад. Ба ин мақсад даруни остин кордеро пинҳон намуда, интизори пешомади худ шуд.

Тӯй гузашт. Домод ба пеши духтар даромад. Духтар дар як кунҷи хона, чун кабки аз боз рамида, сари худро дарун кашида маҳзуну ғамгин нишаста буд. Ҳамин ки ҷавон ба ӯ наздик шудан хост, духтар аз ҷояш ҷаста хест ва кордро аз даруни остинаш бароварда гуфт:

— Ба ман наздик нашав, ки ё туро мекушам, ё худамро!

Домод ҳайрон шуда пурсид:

— Чаро ту ин тавр мекунӣ? Гуноҳи ман чист?

Духтар гуфт:

— Ман як ҷавони дигарро аз таҳти дил дӯст доштам, маро ба ту маҷбуран доданду аз ёри дилхоҳам ҷудо карданд, бе ӯ ба ман зиндагӣ ҳаром аст.

Домод ба духтар гуфт:

— Агар ин тавр бошад, ҳозир хеста назди дилхоҳат раву бо ӯ зиндагӣ карда гаштан гир!

Духтар чизе нагуфта, аз ҷояш хеста, равон шуд. Вай ба дарё расида, аз кӯпрук гузашта истода буд, ки ҳамон роҳзан аз пешаш баромад. Роҳзан дар назди худ духтари хушлибосу нозанинро дида ҳайрон шуда гуфт:

— Аҷабо, дар ин нимишабӣ далертарин мард ҳам ҷуръат карда. ба ин ҷо намеояд. Аз ҷасорати ту ман ҳайронам. Ба кадом мақсад раҳ пеш гирифтаӣ, куҷо меравӣ?



Духтар воқеаро нақл кард. Роҳзан ба духтар раҳмаш омада:

— Рав, бахт ёрат бод! — гӯён ҷавоб дод.

Духтар ба хонаи дӯстдораш омад. Чӯпонписар ҳанӯз нахобида буд. Чашмони ӯ аз гиря сурх, чеҳрааш аз дарду алам зард шуда буданд, духтар ӯро тасалло дода гуфт:

— Дигар ғам нахӯр, азизи ман, аз ҳамин рӯз, мо бо ҳам тамоми умр якҷоя зиндагӣ мекунем.

Ҷавон гуфт:

— Ёри меҳрубонам, ту дили бузург дорӣ, дар он муҳаббати софу самимӣ ҷӯш мезанад, лекин ман мехостам, ки ин чизҳоро фаромӯш кунӣ. Падари бойи ту ва он давлатманд, ки дар золимӣ ва бераҳмӣ машҳур аст, баъди ин воқеа моро ва аз ин ҳам бадтараш, падару модари моро ҷазо надода намемонанд. Ман ба ҳар як ҷазо тоқат карда метавонам, вале ман намехоҳам, ки падару модари бечораам ба азобу машаққатҳо гирифтор шаванд. Хез, ба назди шавҳарат рав! Ман туро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, ёди ту ҳамеша дар дили ман мемонад.

Духтар хеста, бо дили пуралам ба хонаи шавҳараш равон шуд ва бо ӯ зиндагӣ карда гашт.

—Эй дӯсти меҳрубон, — гуфт писари подбон ба лӯхтак, — кадоме аз он чор кас аз ҳама зиёдтар одамгарӣ нишон дод?

— Албатта, чӯпонписар, — гуфт лӯхтак, — вай аз маҳбубааш даст кашида, ҳам худаш, ҳам падару модараш ва ҳам худи духтарро аз оқибати пуразоб халос кард.

— Ба фикри ман, — гуфт писари подабон, — аз ҳама зиёдтар роҳзан одамгарӣ нишон дод. Вай бар хилофи одати худ ба духтар некӣ кард, ин кори осон не!

— Эй шумо донотарошони камандеш! — гуфт Фариштамоҳ, — фикри ҳардуятон ҳам ғалат аст. Шумо он духтари вафодорро фаромӯш намудед. Вай дар роҳи аҳду вафо ҳар чӣ аз дасташ омад, кард. Одамгарии таърифкардаи шумо дар пеши рафтори духтар ҳеҷ аст.

— Гапатон тамоман дуруст, — гуфт писари подабон ба Фариштамоҳ, — дар кӯи ишқ духтар аз ҳама зиёд ҷонбозӣ кард.

Баъд писари подабон ба лӯхтак рӯ оварда, суханашро давом дод.

— Ман ҳозир қиссаеро нақл мекунам, ки ба ҷавобаш Фариштамоҳи донову зебо ҳам оҷиз мемонад.

— Мебинем! — гуфт Фариштамоҳ.



— Буд набуд, як подшоҳ буд, — гуфт писари подабон, — подшоҳ духтаре дошт, ки бо ақли расо ва ҳусни беназири худ машҳур ба олам гардида буд.

Як вақте аз се мамлакати бузург се шоҳзода ба духтар талабгор шуда омаданд. Духтар ҳар сеи онҳоро пеши худ оваронда гуфт:

— Ман касеро ба худ шавҳар интихоб мекунам, ки пурқиматтарин чизеро, ки дар олам вуҷуд дорад, ба даст оварда ба ман тақдим кунад.

Шоҳзодагон ба ҷустуҷӯи ин хел чиз баромада рафтанд. Яке аз онҳо кофта-кофта як аспи парвозкунанда ёфт, ки дар як нафас оламро давр мезад. Шоҳзодаи дуюм оинаи ҷаҳоннамо ба даст овард. Шоҳзодаи сеюм себе ёфт, ки себи ҳаёт мегуфтанд ва ҳар кас онро хӯрад, умраш дароз мешуд.

Дар вақти бозгашт онҳо дар як шаҳр ба ҳамдигар вохӯрда мон-данду аз чизҳои ёфтагиашон ҳамдигарро хабардор карданд. Шоҳзодае, ки ойинаи ҷаҳоннамо ба даст оварда буд, аҳволи духтарро фаҳмиданӣ шуда, ойинаро баровард. Ба ойина назар андохта диданд, ки духтар дар дами марг аст. Ҳамон замон ҳар се ба аспи парвозкунанда савор шуда, пеши духтар шитофтанд.

Асп дар як нафас онҳоро ба назди духтар расонд. Себро зуд ба духтар доданд. Духтар себро хӯрда, аз марг халос шуд.

Вақте ки духтар сиҳат шуд, ҳар се шоҳзода даъвои домодӣ карданд. Шоҳзодаи якум мегуфт, ки аспи ман намешуд,шоҳдухтарро наҷот додан мумкин набуд. Шоҳзодаи дуюм мегуфт, ки агар ойинаи ҷаҳоннамо намешуд, бемории шоҳдухтарро фаҳмида наметавонистем. Шоҳзодаи сеюм мегуфт, ки агар себ намешуд, шоҳдухтар аз марг халосӣ надошт.

Пас шоҳдухтар кадом шоҳзодаро ба худ шарики зиндагӣ интихоб кард?

— Албатта, соҳиби аспро, — ҷавоб дод лӯхтак, — аспи парвозкунанда намебуд, дар вақташ намеомаданду шоҳдухтар нобуд мешуд.

— Гапат нодуруст, — гуфт писари подабон, магар бе ойинаи ҷаҳоннамо малика наҷот ёфта метавонист?!

— Воқеа тамоман дигар хел шуд, — гуфт Фариштамоҳ.— Духтар ба соҳиби асп миннатдорӣ изҳор карда, аспро гардонда дод, ба



соҳиби ойина ҳам ташаккур гуфта, ойинаро гашта дод. Аммо себи ҳаётро, ки хӯрда буд, гардонда дода наметавонист, бинобар ин соҳиби онро ҳамсари худ интихоб кард.

— Офарин! — гуфт писари подабон.

— Аҳсан! гуфт лӯхтак бо овози борику баланди худ.

Писари подабон нақли дигар сар кард:

— Як подшоҳи золим як деҳқонро куштанӣ шудааст. Деҳқон бо тадбире аз дасти подшоҳ халос мешавад. Эй Фариштамоҳи зебову доно, шумо гӯш кунеду ҷавоб гӯед.

Подшоҳ барои ҷазо додани гунаҳгорон чунин роҳ пеш гирифта будааст: ду коғазпорараро гирифта, дар рӯи яктоаш марг ва дар рӯи дигараш ҳаёт менавиштаасту баъд когазпораҳоро печонида ба гунаҳгор дароз мекардааст. Агар гунаҳгор когази дар рӯяш марг навишташударо гирад, ба қатл расонида мешудааст, агар коғази ҳаётро гирад, аз қатл эмин мемондааст.

Ҳамон деҳқон подшоҳи золимро ҳақорат додааст. Подшоҳ деҳқонро ба зиндон андохтаасту ба фикри қатли ӯ афтодааст. Аммо ӯро аз рӯи тартиби пештара ҷазо додан нахостааст, то ки деҳқон коғази ҳаётро гирифта, аз қатл халос нашавад. Бинобар ин подшоҳ бисёр фикр карда, як ҳиллаи дигар ба кор андохтааст. Вай ба рӯи ду коғаз марг навишта, ба деҳқон доданӣ шудааст. Як кас деҳқонро аз ин воқеа огоҳ кардааст.

Деҳқон дар вақти гирифтани коғаз коре кардааст, ки ҳам каси огоҳкарда номаълум мондаасту ҳам худаш аз мурдан халос шудааст.

— Деҳқон чӣ кор кардааст, эй бонуи хирадманд? Ба ин савол ҷавоб гуфтани шумо душвор будагист?

Фариштамоҳ фикр накарда ҷавоб дод:

__ Деҳқон яке аз коғазпораҳоро гирифта фурӯ бурда, ба подшоҳ гуфтааст:

— Бинед, агар дар рӯи когази дигар ҳаёт навишта шуда бошад, пас ,ман коғази маргро хӯрдаам, дар ин ҳолат маро ба қатл расонед, агар баръакс бошад, ман озод шудаам.

— Офарин, сад офарин! — гуфтанд лӯхтаку писари подабон. Писари подабон боз як нақл сар кард.

— Як подшоҳ рӯзе ба сафари баҳр баромаданӣ шудааст. Акнун

ба роҳ баромаданӣ мешавад, ки яке аз посбонони хазинааш шитобон омада мегӯяд:

— Подшоҳи олам, имрӯз сафар накунед. Ман имшаб хоб дидам, ки тӯфони сахте хеста киштиҳоро ғарқ мекунад. Подшоҳ ин гапро шунида, як рӯз дертар сафар карданӣ мешаваду ба одамонаш мефармояд, ки рафта фаҳмида оянд, ки дар баҳр тӯфон мешавад ё не. Надимон хабар меоранд, ки дар баҳр тӯфони сахте ба амал омадааст.

Баъд аз ин подшоҳ ба посбон тӯҳфаҳои қиматбаҳо медиҳаду аммо ҳамон замон аз посбонӣ пеш мекунад.

— Барои чӣ подшоҳ ин тавр кард?

— Ман намедонам, — гуфт лӯхтак.

— Рости гап, ман ҳам намедонам,—гуфт писари подабон.

— Ман медонам, — гуфт Фариштамоҳ, — подшоҳ ба посбон барои он тӯҳфаҳои қиматбаҳо дод, ки гапи ӯро гирифта, аз ҳалокат халос шуд. Аммо ӯ барои он посбонро пеш кард, ки шабона дар вақти посбонӣ хоб кардаасту боз хоб ҳам дидааст.

Лӯхтаку писари подабон ин дафъа ҳам ба Фариштамоҳ аҳсан гуфтанд.

— Эй дӯсти азиз, — гуфт писари подабон лӯхтакро ба таги рӯймол гирифта,—то ин дам Фариштамоҳи нозанинро маҷбур кардем, ки дар бораи нақлҳои баҳсталаб фикр кунад. Вай аз фикркунӣ ҳам монда шудагист. Акнун ягон ҳикояе гӯй, ки ӯ хандаду роҳат кунад.

— Хуб шудааст,— гуфта лӯхтак аз таги рӯмол берун шуд. Фариштамоҳ бо қираи чашм ба ӯ назар афканда беихтиёр табассум кард: лӯхтак қиёфаи хандаовари кали масхарабозро ба худ гирифта буд.

— Хуб шудааст, — такрор кард лӯхтак. — Ман як модари камбағал доштам. Мо чунон камбағал будем, ки шикамамон ҳамеша аз гуруснагӣ чун абри навбаҳор қалдар-қулдур мекард, аз пою баданамон мадор аспсавор гурехта рафта буд. Як рӯз тоқати модарам чун офтоби ҷаҳонтоб тоқ шуда, дасти бегӯшташро ба китфи кӯҳ барин пурқуввати ман монду гуфт:

— Ту то кай аз бекорӣ сари бемӯятро хорида мегардӣ, рав ба ягон бой хизмат карда, ғами шикамамонро хӯр!

Ман ҳам нею нестон накарда, ба ҳавлии як бой рафтаму хизматгор шудам. Бой як рама гӯсфанд дода фармуд, ки ба саҳро бурда

чаронам. Вай як хару як халтаю як банди дароз дода гуфт:

— Бегоҳӣ, як хар ҳезуму як халта алафи нағз ҳам гирифта биёр.

Рамаро ба саҳро ронда бинам, дар гирду атроф касе нест.

“Як аз хоб сер шуда гирам” гуфтаму дар таги як дарахт баҳузур хоб кардам. Ҳафт шабу ҳафт рӯз ба хоби роҳат рафта, баъд хеста дидам, ки ҳар як гӯсфанд ду баробарӣ калону фарбеҳ шудааст.

Фариштамоҳ ин гапҳоро шунида, ба рӯи хандаовари лӯхтак назаре афканду завқ бурд.

— Ман ин ҳодисаро дидаму ба хоби ширин таъзим карда гуфтам: “Эй хоби роҳатбахш, ба ту бисёрҳо раҳмат. Ма, ба ивази ин некиат ин харро гирифта савор шуда гард”.

Ҳамон замон хари думкалтаро хоб бурд.

Ин суханон боз як бор дар чеҳраи диловези Фариштамоҳ табассуми пуршавқро ба ҷавлон андохт.

— Баъд, — нақлашро давом медод лӯхтак, — рамаро ронда, ба хонаи бой равон шудам. Рафта истода будам, ки як гала гамбӯсаки саргинғелонро дида мондам. Гамбӯсакҳои бечора зӯр зада, шипшилта арақ карда, якчанд саргинро гелонда мебурданд. Ба ҳоли бечораҳо раҳмам омаду бандро аз халта бароварда, ба пешашон партофтам.

— Ой нодонҳо, мана ин бандро гирифта, борҳоятонро бандеду пушторa карда баред, коратон осон мешавад!, — гуфтам ба онҳо.

Ин хел гуфтаҳои соддалавҳонаи “лӯхтак”-ро шунида Фариштамоҳ бо шавқ хандид.

— Бо гамбӯсакҳо хайрухуш карда, аз нав рафтан гирифтам. Боз хеле роҳ гашта, дар лаби як ҷӯи об дам гирифта нишаста бинам, як мушаки хокистарранг аз даруни хонааш бо сару фукаш хок бароварда партофта истодааст. “Ох, мушаки бечора, — фикр кардам ман, — агар ягонта халта медошт, ин хел азоб намекашид”.

“Ана ин халтаи маро гирифта, хоки хонаатро андозу бароварда партофтан гир!” гуфтаму халтаро ба муш додам.

Баъд аз ҷоям хеста, рамаро ронда ба ҳавлии бой омадам. Бои олус чашмонашро даҳони шоҳкоса барин карда, гӯсфандҳои шутур барин калону фарбеҳро надиду хару ҳезуму алафро пурсид.

— Харро хоб бурд, бандро ба гамбӯсакҳо додам, халтаро ба мушак бахшидам, — гуфтам ба вай.

Бойи тӯрбашикам ларзону хашмгин шуда, мушт ба сарам бардошта, маро зада пеш карданӣ шуд.

“Не, — гуфтам ман ба ӯ биниамро ин хел каҷ карда, — ту аз ман бо осонӣ халос шуда наметавонӣ, охир, ман гӯсфандҳои туро фил барин калон кардаму ту бо ман ин хел муомила мекунӣ?!”

Ҳамин хел фикр карда, хобро ба ёрӣ даъват кардам. Хоб омаду ба бой часпида, дар ҳамон ҷояш сахт пахш кард. Бой фавран дароз кашид. Ҳарчанд бедор мекарданд, бедор намешуд. Занону хизматгоронаш ӯро ба хона даровардаанду монда рафтанд.

Баъд гамбӯсакҳою мушакро даъват кардам.

Мушак ба рӯи шикаму сари синаи бой баромада, пироҳани ҳарирашро ғалбер кард, ришашро хоида партофт. Гамбӯсакон сари бойро пур аз саргин карданд.

Хобро ҷавоб додам, ки равад. Бой хест, чашмонаш аз хоб варам кардагӣ, ришаш хойидагӣ, пироҳанаш ғалбер, сараш сарғинсор. Ӯ ҳеҷ чиз нафаҳмида, бо ҳамин ҳол ба рӯи ҳавлӣ баромад. Хешу ақрабою хизматгоронаш, хурду калон, ӯро дида қаҳ-қаҳ зада, рӯдакан шуда хандиданд.

Ин вақт Фариштамоҳ ҳам башараи бойро тасаввур карда, беихтиёр хандид. Ба хандаи ӯ писари подабон ҳам ҳамроҳ шуд. Ҳар ду аз таҳти дил хеле хандиданд.

Писари подабон тамоми шаб ҳикояҳои аҷибу ғариб ва афсонаҳои хандаовар нақл кард. Хоб аз чашмони Фариштамоҳ парида буд. Як замон шӯълаи офтоби ҷаҳонтоб бо нури чеҳраи Фариштамоҳ омехту олам мунаввар гардид. Баъд аз ин Фариштамоҳ пардаро аз миён бардошт ва ба рӯи зебои писари подабон назар афканда гуфт:

— Эй ҷавон, шумо дар ҳақиқат шахси доно будаед. Ҳунар нишон додеду шартро буридед ва пас аз ин метавонед маро ёри якумрии худ шуморед!

Ҷавон дудила шуда гуфт:

— Эй дилбари азиз, аввалан, ман писари подабонам ва ба шумо, ки даҳҳо шоҳзодагон дар орзуи висолатон овора шуда гаштаанд, ҳеҷ сазовор нестам. Дуюм ин ки ҳамаи саъю кӯшиши ман барои бародарам шоҳзода буд.

— Ёри ман ҳамон кас мешавад, ки ақли расою дили соф ва кирдори нек дошта бошад. Шумо ҳамин хел одам будаед. Ман аз фик-

рам намегардам. Дӯстатон шоҳзода бошад, ин хислатҳоро надорад ва ҳеҷ гоҳ ба мақсадаш намерасад.

Фариштамоҳи нозанин ба аҳли шаҳр эълон кард, ки писари подабонро, ки шартро буридааст, шавҳар интихоб кардааст. Мардуми шаҳр ба шодии духтар бо ҷону дил шарик шуда, тӯйи калон барпо карданд.

Писари подшоҳ бошад, бо хотири озурдаву дили шикаста аз шаҳр баромада рафт.

**ФАРИШТАМОҲ**

**Афсонаи халқӣ**

Муҳаррир *З.Файзиева*
Муҳаррири ороиш *С.Имоддинова*
Муҳаррири техникӣ *Г.Холова*

Ба матбаа 21.10.2002 супорида шуд. Ба чопаш 28.10.2002 имзо шуд. Андозааш 60x84 $^{1}/_{8}$. Коғази офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 4,0. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 3,72. Адади нашр 10 000. Супориши 1132. Нархаш шартномавӣ.

Ф $\frac{4804000000-45}{504(12)-2002}$ - 2002

© Матбуот, 2002



